**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзуи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ).**

Таҳқиқу баррасии ҷанбаҳои ҳунарии шеъри муосири тоҷик яке аз масоиле ба шумор меравад, ки ниёз ба пажуҳиши бештар дорад, чун эҳсос мешавад,ки дар даврони соҳибистиқлолии кишвари мо дар баробари тамоми равандҳо дигар адабиёти тоҷик, хосатан шеър низ ба пешравиҳои назаррас рӯ ба рӯ мешавад. Аз ин нуқтаи назар диссертатсияи Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзуи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият)» аз ҷумлаи таҳқиқоте ба шумор меравад, ки яке аз муҳимтарин самтҳои баррасии ҷанбаҳои ҳунарии шеъри муосири тоҷикро фаро гирифтааст. Аз автореферати диссертатсия бармеояд, ки он дар муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда таркиб ёфтааст.

Диссертант нахуст барои муайян намудани вазъи куллии шеъри муосири тоҷик дар даврони истиқлоли миллӣ кӯшидааст, ки тамоюлҳои асосии шеъри тоҷикиро дар ин давра муқаррар намуда, муҳимтарин падидаҳои шеъри имрӯзро дар ин марҳилаи нави таърихӣ муқаррар ва хусусиятҳои асосии онро мушаххас созад. Дар идома, масъалаи заминаҳои назарии зуҳури истилоҳи парадокс дар адабиёти халқҳои мухталифи олам ва ҷойгоҳи он дар афкори назарии донишмандони тоҷик таҳқиқ шудааст. Бар асоси таҳқиқоти анҷомдодаи хеш муҳаққиқ муқаррар намудааст, ки ҳарчанд дар адабиёти тоҷик намунаҳои аввалини парадоксро мо дар сурудаҳои устоди Рӯдакӣ ба мушоҳида мегирем, бале таҳқиқоти анҷомдодаи донишмандони ватаниву хориҷӣ маълум

мекунад,ки намунаҳои аввалини шеъри дорои тасвирҳои парадоксиро дар ашъори шоирони Чини қадим метавон дарёфт.

Баррасиҳои ҷолиби анҷомдодаи диссертант дар бораи шеъри шоирони адабиёти давраи Шӯравии тоҷик дар мисоли устод Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ ва дигарон муайян кардаанд, ки ҳарчанд шеъри муосири тоҷик дар ин давра бештар ҷанбаҳои мавзуъгароии бештарро соҳиб буд, вале ин суханварон дар ташаккули ҷанбаҳои ҳунарии шеър низ хидмат кардаанд, ки ибтикорони ин шоирони номвари мо далели равшан ба гуфтаҳои мазкур аст.

Таҳқиқ дар шеъри давраи истиқлол ва баррасии ҷанбаҳои ҳунарии он дар мисоли офариниши тасвирҳои парадоксӣ, ки меҳварҳои аслии боби савуми диссертатсияро ба вуҷуд овардаанд, маълум намудаанд, ки дар ин давра новобаста ба фосилаи кутоҳи замонӣ се насли адабӣ ба камол расидааст, ки ашъори онҳо дорои хусусиятҳои муҳими адабиву бадеӣ мебошанд. Дар ин миён тасвирҳои парадоксӣ нақши муайян ва мушаххас доранд. Ҷолиби таваҷҷуҳ аст, ки диссертант шеъри бонувони тоҷикро дар мисоли се нафар шоираи соҳибноми тоҷик, Гулрухсор, Фарзона, Гулноз ба таври алоҳида баррасӣ намудааст, ки он дар муайян намудани мавқеи бонувони шоири тоҷик дар рушди адабиёти тоҷик нақши муҳим доранд.

Дар баробари ин дастовардҳо, аз афторефератиі диссертатсия бармеояд, ки дар он баъзе камбудиҳо низ ба мушоҳида мерасанд.

1. Аз мутолеаи фишурдаи диссертатсия бармеояд, ки дар қисмати дараҷаи омӯхта шудани мавзуъ на ҳама тадқиқоти дар ин замина анҷомёфта мавриди истифодаи муаллиф қарор гирифтаанд.

2. Ба андешаи агар дар боби савуми диссертатсия ҳангоми баррасии ашъори бонувони суханвари тоҷик таҳқиқ ба сурати муқоиса бо сурудаҳои бонувони кишварҳои форсизабони Эрону Афғонистон, аз ҷумла занони суханвари тоҷикзабони Ӯзбекистон ҷараён мегирифт, арзиши диссертатсия боз ҳам афзун мегардид.

Албатта, ин мулоҳизаҳои мо бештар ҳукми пешниҳодро доранд ва ҳеҷ гоҳ арзиш ва аҳамияти диссертатсияро поин намебаранд. Ба таври кулли метавон гуфт, ки диссертатсияи номзадии Ризобоева Наргис Мамадкаримовна дар мавзуи «Тасвирҳои парадоксӣ дар шеъри муосири тоҷик (давраи истиқлолият)» кор анҷомрасида буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.00 – Адабиётшиносӣ (10.01.08 – Назарияи адабиёт. Матншиносӣ, нусхашиносӣ) мебошад.

**Дотсенти кафедраи филологияи тоҷик**
**ва забонҳои шарқи хориҷӣ, доктори**
**фанҳои филологӣ (DSc)** **С.Х.Хӯҷақулов**

**Дотсенти кафедраи филологияи тоҷик**
**ва забонҳои шарқи хориҷӣ,**
**Доктори фанҳои филологӣ оид**
**ба фалсафа (PhD)** **А.А. Шерназаров**

**имзои С.Х.Хӯҷақулов ва А.А.Шерназаровро**
**тасдиқ мекунам: ____________________**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси Донишгоҳи давлатии Самарқанд**
**Абдуллаева Ситора Хуррамовна.**